ФАРМОИШИ
РАИСИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

аз «26» 01 соли 2026 № 17/бд ш. Душанбе

Дар бораи аз баррасӣ бозхонд намудани диссертатсия

Мутобиқи сархати ҳабдаҳуми банди 9 ва сархати чоруми банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270 ва банди 117 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, ф а р м о и ш  м е д и ҳ а м:

1. Диссертатсияи Абдуллоева Машҳура Иброҳимовна дар мавзуи «Имконияти педагогии омодасозии донишҷӯёни макотиби олӣ ба фаъолият дар ҷомеаи муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08-Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ бо хоҳиши худаш аз баррасии Комиссия бозхонд карда шуда, қарори шурои диссертатсионии 6D.KOA-078 назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров бекор карда шавад.
2. Ҳимояи такрории диссертатсияи Абдуллоева М.И. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда шавад.
3. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ (Мавзуна Каримзода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоиши мазкурро дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионӣ ҷойгир намояд.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Мумин Шарифзода вогузор карда шавад.

Асос: аризаи довталаб Абдуллоева М.И. аз 26 январи соли 2026 ва хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ

Раис Сайфиддин Давлатзода

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ